**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Назар Муъмин Абдуҷалол дар мавзуи «Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯй иихтисоси 09.00.11–Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафа)**

Яке аз арзишҳои олӣ ва меҳварии ҳаёти иҷтимоӣ ҳамчун инъикоси қонуният дар ҷомеа адолати ичтимоӣ мебошад. Тасаввуроти аҳолӣ дар бораи адолати иҷтимоӣ дар меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ҷойгоҳи асосиро ишғол менамояд. Рисолати асосии институтҳои иҷтимоӣ низ ҳифз ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷамъятӣ ба ҳисоб меравад. Танзими самараноки муносибатҳои рӯзафзуни иҷтимоӣ ва ҳалли зиддиятҳои байни фардҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба ҳифз, амалинамоӣ ва барқарор намудани адолати ичтимоӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, дар шароити рушди ҷомеаи Тоҷикистон ва равандҳои пурихтилофи ҷаҳонишавӣ барои қонеъ гардонидани талаботҳои моддию маънавии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои зиндагии шоиста ва сазовори шаҳрвандони Тоҷикистон пажуҳиши амалишавии принсипҳои бунёдии адолати иҷтимоӣ аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз ҷониби довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа Назар Муъмин Абдуҷалол интихоб шудани мавзуи адолати иҷтимоӣ ва равишу роҳҳои гуногуни амалӣ намудани принсипҳои асосии он дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ аз ҷомеашиноси асил будан ва масъулияти баланди илмӣ доштани муаллиф гувоҳӣ медиҳад, зеро на ҳамаи муҳаққиқон ба таҳқиқи чунин мавзуъҳои нозук ва баҳснок рӯ оварда метавонанд.

Аз мутолиаи автореферат маълум мегардад, ки мақсади муҳаққиқ Назар Муъмин Абдуҷалол аз таҳқиқи мавзуи диссертатсияи докторӣ дар доираи равиши фалсафӣ-иҷтимоӣ муайян кардани моҳияти адолат ҳамчун идея ва падидаи иҷтимоӣ дар ҳаёту фаъолияти ҷомеаи муосир бо дарназардошти ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин ҷанбаҳои сиёсӣ, ичтимоӣ-фарҳангӣ, равонӣ ва ҷанбаҳои дигари ҳаёту фаъолияти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Муаллиф барои расидан ба ин мақсад ва вазифаҳои

дар пешгузошташудаи худ аз таҳқиқотҳои маъруфтарин донишмандони хориҷию ватанӣ ва маводи зиёди илмӣ ва соҳавӣ истифода бурдааст. Ҳар як масъалаи барассишаванда фарогир, ҷиддӣ ва илман асоснокшуда мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст.

Дар диссертатсияи доктории Назар Муъмин Абдуҷалол муҳимтарин масъалаҳои ба ҳифз, амалӣ ва барқарорнамудани адолати иҷтимоӣ алоқманд, мисли адолати иҷтимоӣ ҳамчун арзиши олии шаҳрвандон, алоқамандии адолати иҷтимоӣ бо дигар арзишҳои иҷтимоӣ (баробарии иҷтимоӣ, озодӣ, шаъну шараф ва ғайраҳо), тағйирёбии шуури ҷамъиятӣ оид ба адолати иҷтимоӣ бо рушди ҷомеа, назарияҳо ва консепсияҳои муосири фалсафӣ, сотсиологӣ, сиёсӣ ва этикӣ дар бораи адолати иҷтимоӣ, сатҳи татбиқшавии адолати иҷтимӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста ба системаҳои иҷтимоӣ ва сохтори идоракунии давлат, ҳалли масъалаҳои адолати иҷтимоӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва таҳдиди хатарҳои нави ҷаҳонӣ, таҷрибаи татбиқи адолати иҷтимоӣ дар ҷомеаи шӯравӣ, сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи самараноки адолати иҷтимоӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи татбиқи адолати иҷтимоӣ ва нақши адолати иҷтимоӣ дар раванди барқарорнамои ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон таҳқиқ, таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд.

Таваҷҷуҳи асосии муҳаққиқ Назар Муъмин Абдуҷалол ба роҳҳои татбиқ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Барои мисол дар саҳифаи 45-уми автореферати диссертатсия чунин тавсияҳои арзишманд пешниҳод гардидаанд: *"Зарур аст, ки дар ҷараёни амалигардонии стратегияҳо ва барномаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Точикистон минбаъд низ ба масъалаи зиддиятҳои диалектикии байни самараи иқтисодӣ ва мизони риояи адолати ичтимоӣ диққати чиддӣ дода шавад. Бояд ҳамеша дар мадди назар дошта шавад, ки дар низоми афзалиятҳои иҷтимоии сиёсати иқтисодии мамлакат адолати иҷтимоӣ на фақат мақсад аст,*

*балки шарти муайянкунанда барои интихоби мақсадҳои дигар ба хотири рушди инсон ва ҷомеа мебошад"* (саҳ. 45).

Ё ин ки дар саҳифаи 46-уми автореферат омадааст: *"... барои пасттар кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат бояд таносуби системаҳои категориявӣ ва унвонӣ - суроғавии дастгирии иҷтимоӣ нигоҳ дошта шавад, зеро системаи категориявӣ шумораи зиёди гирандагони кӯмаки иҷтимоиро фаро гирифта, мушкилоти зиндагии онҳоро осон мегардонад. ... Яке аз ҳадафҳои меҳварии татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ ин паст кардани шиддати нобаробариҳои ичтимоӣ дар ҷомеа буда, зуҳури ин падида на танҳо дар ченакҳои иқтисодӣ, балки метавонад дар заминаҳои иҷтимоию фарҳангӣ низ ҷой дошта бошад. Бинобар ин, ниҳодҳои марбутаи дар ин самтҳо фаъолият дошта бояд пайваста барои аз байн бурдани омилҳои ба зуҳури чунин нобаробариҳо мусоидаткунанда таваҷҷуҳ намуда, чора андешӣ кунанд"* (саҳ. 46).

Автореферати муҳаққиқ Назар Муъмин Абдуҷалол фишурдаи таҳқиқоти илмии тахассусиест, ки аз рӯйи маводи диссертатсия тартиб дода шудааст. Он мазмун, моҳият ва нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи тадқиқоти диссертатсиониро бе тафсилоти барзиёд инъикос намуда, муҳтаво ва хулосаҳои умумии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, инчунин тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои онро пешниҳод менамояд. Мавзуъ ва муҳтавои автореферат ба ихтисос ва соҳаи тадқиқоти 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мутобиқат мекунад. Автореферати диссертатсия тибқи Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ба расмият дароварда шуда, натиҷаҳои асосии диссертатсия, саҳми муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи навгонӣ, аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомёфта ва феҳристи асарҳои чопшудаи довталабро инъикос менамояд. Аннотатсияи автореферат ба забонҳои давлатӣ, русӣ, англисӣ ва ҳаҷму сохтори автореферат ба талаботи муаяйншуда ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Назар Муъмин Абдуҷалол дар мавзуи «Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ», барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафа) таҳқиқоти илмии пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз: узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сотсиологӣ,**
**профессор, мудири шуъбаи сотсиологияи**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ**
**ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови**
**АМИТ** **Шоисматуллоев Ш.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 33
**E-mail:**afkor@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-508-68-78

**Имзои д.и.с., профессор Шоисматулоев Ш.-ро тасдиқменамоям:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба
номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон **Шозедов Х.Н.**

ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 33, 734025
«12» «августи» **2022.**